# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар мавзуи “Ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар синфҳои болоии мактабҳои муосири тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Истеъдоду маҳорати Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар фаъолияти таълимиву тарбиявии муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар шароити муосириислоҳоти соҳаи маориф ва босуръат вусъат пайдо кардани раванди ҷаҳонишавӣ сазовори ситоиш ва боиси дастгирист. Довталаб ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедилро дар фаъолияти омӯзгории худ мавриди истифода қарор дода, дар амалияи таълиму тарбия татбиқ кардааст, ки натиҷаю самараҳои хуб ба бор овардаанд.

Қобили зикр аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич ҳанӯз аз солҳои донишҷӯӣ ва нахустини рӯзҳои кору фаъолияти омӯзгориаш зимни ироаи маърузаҳо ва гузаронидани дарсҳову машғулиятҳои беруназсинфӣ сурат гирифтааст, ки заминаи таҳқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил мекунанд.

Кори диссертатсионии унвонҷӯй Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич ба асосноккунии назариявӣ ва таҳқиқоти таҷрибавию озмоишии ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил бахшида шуда, дар кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Қурбонов Фатҳиддин зимни иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилонаи пеш бурдани омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист.

Дар муҳлати пешбурди таҳқиқоти диссертатсионӣ Қурбонов Фатҳиддин худро ҳамчун унвонҷӯи қавиирода, серталаб ва масъулиятшинос нишон дода, собит намуд, ки ӯ як таҳқиқотчии бомулоҳиза ва пухтакор аст ва минбаъд метавонад ба тарики мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳои илмӣ-таҳқиқотиро муайян ва бошууронаву амиқан дарк намояд, натиҷаҳои дастрасшударо баррасӣ ва таҳлил карда, методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани таҳқиқот муайян кунад.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавии гузаронидаи муҳаққиқ Қурбонов Фатҳиддин оид ба ақидаҳои педагогии Мирзо Абдулқодири Бедил ва татбиқи онҳо дар фаъолияти таълимиву тарбиявии синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо роҳу усулҳои муосиру навтарин ба анҷом расонида шуда, натиҷаи корҳои таҳқиқотиаш дар мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти ҶТ тавсияшуда инъикос ёфтаанд.

Муҳаққиқ Қурбонов Фатҳиддин Холбойевич дар якчанд конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар доираи мавзуи илмӣ-таҳқиқотиаш бо маърӯзаҳо баромад намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониашро тасвиб ва дар амал татбиқ намудааст.

Дар маҷмуъ муҳаққиқ Қурбонов Фатҳиддин Холбойевичро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ-педагогӣ арзёбӣ ва тавсиф кард, ки қодир аст, минбаъд супоришу вазифаҳои илмии дар наздаш гузошташударо мустақилона ҳаллу фасл намояд.

Ба сифати роҳбари илмии унвонҷӯ таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов Фатҳиддин Холбойевичро ба тарики мусбат ва ҳамчун таҳқиқоти мустақилона ва пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои муҳокима ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ,

таърихи педагогика ва таҳсилот тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор, академики
Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон М. Лутфуллозода
05.01.2024.

*Имзои Муҳаммад Лутфуллозодаро тасдиқ мекунам.*

*Мудири бахши кадрҳо*
*ва коргузории А ТТ* *М. Саидова*